# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 23 декабри соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Хуршедулло Субҳонқуловичро дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Роҳбари илмӣ: **Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон; **Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Азиззода У.А., Назаров А.Қ., Шарипов Т.Ш. ва муқарризони ғайрирасмӣ Ализода З., Муҳамадиев И.С. ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Камолов Хуршедулло Субҳонқуловичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**